Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи Саидова Хисния. Маҳмадулоена. дар мавзӯи: «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ пешниҳод гардидааст.**

Хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити низоми иқтисоди бозорӣ аҳамияти махсус дорад. Ислоҳоти соҳаҳои иҷтимоӣ дар тамоми давлатҳо ба манфиати аҳолӣ буда, бевосита ба сатҳи некуаҳволии моддӣ, истеъмол, дарозумрӣ, тарзу сифати ҳаёт ва фаъолнокии меҳнатию иҷтимоии аҳолӣ таъсир мерасонанд. Чунин ислоҳот ногузир сабаби бартарият пайдо кардани вазифаҳои тамоюли иҷтимоидошта дар шароити трансформатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ мегардад ва соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳамчун кафолати болоравии некӯаҳволии ҷамъиятӣ, рушди захираҳои инсонӣ ва низоми иқтисодиёти миллӣ дониста мешавад. Соҳаи иҷтимоӣ ба сифати механизми асосии такрорисеҳсоли сармояи инсонӣ баромад мекунад, ва ба сифати омили асосии рушди иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир омӯзиши масъалаи рушди хизматрасониҳои соҳаҳои иҷтимоӣ на танҳо мубрам, балки масъалаи аввалиндараҷа дар шароити иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳадафи асосии рушди соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир паст ва рафъи камбизоатӣ, ташкили системаи самарабахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани сифати захираҳои инсонӣ, таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, бахусус барои гурӯҳҳои камбизоат ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир бояд нигаронида шавад. Дар чунин шароит ислоҳоти гузаронидашудаи соҳаҳои иҷтимоӣ метавонад ба манфиати аҳолӣ гашта, боиси рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷамъият гардад. Муаллиф ба маврид қайд намудааст, ки “тағйирёбии нақши сармояи инсонӣ, васеъшавии сохтор ва функсияҳои он, табдилёбии он аз омили хароҷотӣ ба омили асосии истеҳсолкунанда ва омили иҷтимоии тараққиёт ва фаъолиятнамоии ҷамъияти муосир ба зарурияти ташакулёбии парадигмаи нави тараққиёт оварда расонид” (с.14). Воқеан ҳам, маҳз рушди соҳаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, ки рушди инсон ва сармояи инсониро мусоида намудааст, тазоди (диалеммаи) миёнаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисоди бозориро аз байн бурда,

масъулияти ичтимоии субъектҳои иқтисодиро ҳамчун омили рушди иқтисодӣ баланд бардоштааст.

Аз ин ҷо метавон чунин хулоса баровард, ки тадқиқоти диссертатсионии Саидова Хисния. Маҳмадулоена. аҳамияти муайяни назариявию амалӣ дорад, ки метавон барои такмили сиёсати иҷтимоии давлат ва механизмҳои таъмини рушди инсон ва сармояи инсонӣ истифода бурд. .

Дар қатори бартариятхои қайдкардашуда, дар тадқиқоти мазкур баъзе ҳолатҳои мубоҳисавӣ ва камбудиҳои муайяне низ ба чашм мерасанд, ки асоситаринашон инҳо мебошанд: 1.Дар автореферат тадбирҳои мушаххас оиди механизми беҳтарсозии хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷониби сохторҳои дахлдор оварда нашудааст; 2. Хусусиятҳои инноватсионии бахши хизматрасониҳои иҷтимоӣ (инноватсияи иҷтимоӣ) васеъ шарҳ дода нашудаанд.

Эродхои зикргардида сифати тавсиявӣ доранд. бинобар он арзиши илми диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Таҳқиқот мавзӯи мубрамро дар бар гирифта, вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд. Дастовардҳои илмии барои ҳимоя ироагардида, хулосаю пешниходхои асоснокшуда эътимодбахш буда, бо навоварии илмӣ фарқ мекунанд ва тасаввуроти моро оиди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ васеъ месозанд.

Аз рӯи автореферат, кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ», андомёфта буда, аз руи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҷаи илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Саидова Хисния. Маҳмадулоена. дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ руйи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ дода шавад.

**Муқарриз,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**Муовини директори ИИД АМИТ** **А.Б. Мирсаидов**

Имзои А.Мирсаидовро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳои ИИваД АМИТ Қурбонов Э.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ